Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024, ш. Душанбе, кучаи С. Айнӣ 44)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Маҳкамова Чамангул Абдуғафоровна дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)**

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 масъалаи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла захираҳои бахши аграрӣ мавқеи муҳимро ишғол кардааст. Масъалаи мазкур таҳти назорати доимии сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қарор дорад. Аз ин лиҳоз, дар шароити муосир диссертатсияи Махкамова Ч. А. дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)» саривақтӣ ва мубрам дониста мешавад.

Омӯзиши автореферат аз он шаҳодат медиҳад, ки унвонҷӯ дар диссертатсияи худ масъалаҳои муҳимро дар самти ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ҳаллу фасл намудааст. Пеш аз ҳама, дар асоси таҳлили асарҳои бунёдии олимони ватаниву хориҷӣ моҳияти захираҳои истеҳсолиро шарҳ додааст. Ба ақидаи муаллиф, захираҳои истеҳсолӣ ин якҷояшавии муайяни унсурҳои истеҳсолот мебошад, ки бевосита ё бавосита дар раванди истеҳсолот иштирок мекунанд, дар ҳолати маҳдуди сифатӣ ва миқдорӣ қарор дошта, барои истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ зарур мебошанд.

Масъалаи дигаре, ки мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ин гурӯҳбандии захираҳо ва омилҳои истеҳсолӣ мебошад. Дар ин ҷода муаллиф фарқи байни захираҳо ва омилҳои истеҳсолиро муайян кардааст. Ҳамчунин захираҳои истеҳсолиро гурӯҳбандӣ намудааст.

Аз автореферат маълум шуд, ки то ҳол аз тарафи олимони ватанӣ асосҳои консептуалӣ-назариявии ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ, инчунин механизми мукаммалгардонии онҳо дар доираи амалигардонии параметрҳои рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи кофӣ таҳқиқ карда нашудаанд. Бинобар он, мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба коркарди илмии роҳҳои мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон бахшида шудааст.

Муаллиф мафҳуми ташкили истифодаи оқилонаи захираҳоро дуруст шарҳ додааст. Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ӯҳдаи иҷрои вазифаҳои зерин ба хубӣ баромадааст:

- ✓ таҳқиқи муносибатҳои методӣ ба арзёбии ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона;
- ✓ таҳлили маҷмуавии истифодаи захираҳои истеҳсолӣ ва арзёбии ҳолати ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон;
- ✓ коркард намудани қоидаҳо ва тарзҳои муайян кардани манбаъҳои истеҳсолӣ;
- ✓ асоснок кардани роҳҳои мукаммалгардонии механизмҳои идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳо;
- ✓ асосноккунии муносибатҳои барномаи мақсаднок ба ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ.

Дар маҷмӯъ, бояд қайд кард, ки автореферати мазкур ифодаи мантиқии диссертатсияи зикргардида буда, дар он масъалаи мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ дар сатҳи зарурӣ ҳал карда шудааст. Дар баробари ин, дар автореферат камбудиҳо ва нарасогиҳои зерин ҷой доранд:

1. Агар таҳлили муқоисавии ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон бо корхонаҳои кишоварзии минтақаҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешуд, сифати кори илмӣ боз ҳам баландтар мегардид.
2. Номгӯйи корҳое, ки ба баланд бардоштани сатҳи ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ мусоидат менамоянд, агар ба таври мушаххас дар намуди схемаи ягона пешниҳод мегардид, беҳтар мешуд.

Камбудиҳо ва норасогиҳои ҷойдошта хусусияти тавсиявӣ дошта, наметавонанд арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намоянд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, чунин мешуморам, ки автореферати диссертатсияи Маҳкамова Чамангул Абдугафоровна дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи
назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи
славянии Руссия -Тоҷикистон Раҳматзода Ҳ.Б.

Подпись заверяю
Начальник УК РТСУ
Рахимов А.

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи М.Турсунзода 30.
Тел: (+992 37) 2 27 15 71; (+992) 907 75 39 81
E-mail: haydar57@mail.ru